Суратҷаласаи №3
Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВДК «Хуҷандобукеанал»

16 декабри соли 2015 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** Бурҳонов Р.С.-сардори иҷроиши лоиҳаи КВДК «ХОК»,
Абидов И.-Раиси иҷроияи иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон, сардори филиали иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон дар вилояти Суғд,
аъзоёни шӯрои машваратӣ

Иштирок надоштанд: 2 нафар ( ТСЖ )

Рӯзномаи маҷлис:

1. Таъминоти оби нӯшокии маҳаллаи Чашма-3 ва иншооти обдиҳии «Ором».
2. Қарзҳои муштариён дар назди КВДК «Хуҷандобуканал».
3. Сифати оби нӯшокии ба аҳолӣ интиқолшуда.
4. Чораҷӯӣ оиди чоҳакҳои кушодашуда.

Гузаронидани вохӯрии навбатии шӯрои машварати ҷамъияти бо кормандони КВДК «Хуҷандобуканал» ва намояндагони раисони биноҳо оид ба татбиқи механизмҳои алоқаи баръакс бо истеъмолкунандагон тибқи нақша-чорабинӣ Бурҳонов Р.С. ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Ҳозиринро бо барномаи рӯзномаи маҷлис ошно намуд. Аз сабаби он ки муаммоҳо ва масъалаҳои ҳалталаб, ки дар назди корхона ва истеъмолкунандагон вуҷуд дорад, ҳаллу фасл намуда ҷамъбаст бояд карда шавад.

Тибқи барномаи рӯзномаи маҷлис масъалаи якум оид ба таъминоти оби нӯшокии маҳаллаи Чашма-3 ва иншооти обдиҳии «Ором» ба Носирова М.-муҳандиси шӯъбаи истеҳсолии техникӣ дода шуд.

Ӯ дар баромади худ гуфт, ки муаммоҳои баҳс талаб, оиди ба таъминоти оби нӯшокии истеъмолкунандагони шаҳраки Обшорон (Водник) вуҷуд дорад, лекин ҳоло ҳозир таъминоти оби нӯшокӣ назар ба солҳои пешин хубтару беҳтар гардидааст, ки бо реҷаи муайяни корӣ 14-15 соат дар мавсими тобистон дода мешуд. Дигаре бошад дар мавсими зимистона 9-10 соат, ки пеш аз сабаби маҳдудият бидуни барқ оби нӯшокӣ интиқол карда мешавад.

Бо вуҷуди ин аз сабаби фарсуда шудани хатти қубурҳои обӣ ва дар мавсими сардии зимистон маҳдуд будани қувваи барқ имконпазир нестанд, ки бо пуррагӣ бо оби нӯшокӣ таъмин бошанд. Локин бо вуҷуди ин ҳалли алтернативиашро пайдо намуда, бо аҳолии шаҳрак бо воситаи ташвиқоту тарғибот дастҷамъона бо ҷамъоварии маблағ қисман-қисман қубурҳои хатти оби нӯшокӣ иваз карда шуда истодаанд, ки таъсираш ба ҷамъоварии маблағи хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Дигаре бошад, таъминоти оби нӯшокӣ бо шарофати ворид гаштани оби Хоҷа-Боқирғон ба қисмати соҳили рост маҳаллаи Чашма ва 29-ум беҳтар шуда истодааст, ки шикояти шаҳрвандон оиди танқисии оби нӯшокӣ дида намешавад. Ба ин муносибат Бурҳонов Р.С. изҳори дошт, ки боз барои беҳтар намудани хизматрасонӣ бо оби нӯшокӣ дар марҳилаи 3-юми лоиҳа барои

ислоҳи иваз намудани хатти оби нӯшокии шаҳраки Обшорон (Водник) равона гардида, ворид карда шудааст. Инчунин ӯ гуфт, ки дар тӯли мавсими бо таъмин намудани оби нӯшокӣ шикоятҳо аз тарафи аҳолии шаҳраки Обшорон (Водник) зиёд буд, аалалхусус аз кӯчаи И.Сомонӣ аз сабаби нарасидани оби нӯшокӣ, чунки дар мавриди бо реҷаи муайяни интиқол додани оби нӯшокӣ масрафи об ба майдончаҳои полезӣ дода мешуд. Бояд дар ин самт корбарӣ намуда, ҷамъоварии маблағро ҷиддитар ғанӣ гардонида шавад.

Барои матраҳи масъалаи дуюм оиди баъзе қарздорон будани муштариёни соҳили рост сухан ба сардори шӯъбаи кор бо муштариёни соҳили рост Баротов Ғ. дода шуд.

Ӯ гуфт, ки дар ҳақиқат мушоҳидаҳо ба назар мерасад, ки дар баъзе нуқтаҳои шаҳраки Обшорон (Водник) аз сабаби нарасидани оби нӯшокӣ, ки танқисӣ мекашанд дида мешавад ва ин ба ҷамъоварии маблағ ва бастани шартномаи тарафайн таъсирашро мерасонад. Баҳсу талошҳои зиёде дида мешавад. Ҳамкориро бо раисони маҳаллаҳо хуб ба роҳ монда шудааст, ки то охири соли ҷорӣ ҷамъбасти маблағҳоро сарбаландона иҷро хоҳем кард.

Оиди ба масъалаи сеюм барои сифатнок таъмин намудани оби нӯшокӣ ба аҳолӣ сухани навбати ба иҷрокунандаи вазифаи сардори ташхисгоҳи оби тозаи коргоҳ Рустамова М. дода шуд. Ӯ гуфт, ки санҷишҳои мунтазами ташхис аз тарафи шӯъба таҳти назорат гирифта шудааст. Сифати оби нӯшокӣ муайян намудани бӯи об, хирагуӣ, шаффофияти об ва дар ҳар як соат ташхис гузаронида муайян карда мешавад, ки то имрӯз 13882 намуд санҷиш гузаронида дуруштии обро муайян карда мешавад, ки ба меъёрҳои стандарти ҷавобгӯ мебошад. Шикоят ва норозигии шаҳрвандон, оид ба сифати оби нӯшокӣ дида намешавад. Фақат моён зиракиро аз даст надиҳем гуфт дар давоми баромадаш. Чунки дар байни мардум як ширкати хусусӣ бо номи «Оби соф» пайдо шудааст, ки бо гузоштани филтирҳо машғул будаасту гуфтанӣ бошанд, ки оби нӯшокии хизматрасонии КВДК «Хуҷандобуканал» бо сифати паст интиқол медода бошад. Ин мутлақо хато аст. Чунки барои сифати обро муайян намудан на кам аз ду шабонарӯз таҳлил ва санҷиш гузаронида мешавад.

Аз ин лиҳоз, барои дастгирии сухани Рустамова М. сардори маҳаллаи ТСЖ «Ваҳдат» Негматов Темур аз микроноҳияи 13-ум қувват бахшида гуфт, ки дар бинои мо ҳам бо ҳар гуна роҳ мардумро тарғибу ташвиқот бурда бо ҳар баҳона мехостанд ба мардум филтирҳои ба фурӯш мерафтаро пешкаш намоянд. Локин ман изҳори боварӣ ба ин Корхонаи «Хуҷандобуканал» дорам ва гуфтам, ки ман худ аъзои машваратии истеъмолкунандагони корхона ҳастам ягон хел оби софи интиқолдода ташвишовар нест. Иҷозати рафтанро аз онҳо пурсидам.

Нишондодҳои таҳлил ва санҷиш нишон медиҳад, ки зиёда аз 70% оби нӯшокии шаҳри Хуҷанд бо сифати меъёри таъмин гардида истоданд.

Мақсади ягонаи Корхонаи «Хуҷандобуканал» мардумро бо оби нӯшокии сифатноки мунтазами беолоиш таъмин намудан ва таҳти назорати ташхис қарор дорад.

Сонияи барои баррасӣ намудани масъалаи чаҳорум сухан ба сардори таъминоти оби нӯшокӣ ва коллекторҳои шаҳри Хуҷанд Обидов А. дода шуд.

Саравал ӯ изҳори минатдории хешро баён намуда гуфт, ки шӯрои машваратии ҷамъият саривақтӣ мебошад. Чунки дар байни мардум гашта аз ҳоли таъминоти оби нӯшокӣ қариб, ки фурсат намемонад. Хуб шуд, ки дар ҳузури раисони маҳаллаҳо барои баланд бардоштани хизматрасони ва аз наздик ҳамкорӣ намудан ин машварат дастгирӣ менамояд. Ба ҳамагорн

гуфтаниям, ки дар шаҳри Хуҷанд беш аз 4500 адад чоҳакҳои хатти ташноб мавҷуд аст, ки ҳамаи онҳо вобаста ба хатти гузоришашон аз маҳалла то маҳалла пайваст ва дар ҳолати корӣ қарор доранд.

Муаммои ташвишовар ин аст, ки баъзе аз ашхосон барои пули муфт ба даст овардан сарпӯшҳои оҳанинро ба яғмо бурда истодаанд, ки шӯъбаро ба ташвиш оварда харҷи изофагиро дар бар мегирад. Аллакай то имрӯз зиёда аз 100 адад сарпӯшҳо аз ҳудуди шаҳр бардошта ва чоҳакҳо бесарпӯш монданд, ки дар ҳолати садамавӣ рӯ ба рӯ гардонд.

Маҷбур шудем, ки сарпӯшҳои бетонӣ рехта болопӯш намоем, ки ҳоло зиёда аз 50 адад рехта болопӯш шудааст, ки рехтани сарпӯшҳои бетонӣ идома дорад.

Оиди ин масъала таклиф ва пешниҳод менамоям, ки бо роҳи ташвиқоту тарғиботи ин кори номатлубро дастаҷамъона гирем.

Илҳом Абидов ин таклифро ҷонибдорӣ намуда, барои пешгирии роҳи бехатарӣ даст задан ба дуздӣ дар сайти Интернет пайдо кардааст, ки сарпӯшҳои махсуси қулфдор нишон дода шудааст. Дар оянда сохтмони хонаҳои баландошёна дар шаҳри Хуҷанд муташаккилона идома дорад. Агар ҳолати қабули таъмин намудани ҳолати хизматрасонӣ бо хатти ташноб ва оби нӯшокӣ бо сарпӯшҳои махсуси қулфдор таъмин гарданд. Ин пешниҳод аз тарафи аъзоёни машварати ҷамъияти дастгирӣ карда шуд.

Дар фарҷоми шӯрои машваратии ҷамъияти Бурҳонов Р.С. таклиф пешниҳод намуд, ки дар рафти ҷаласаи машварат маълум гашт, ки минтақаи хизматрасони шохаҳояш то ба ноҳияи Б.Ғафуров рафта расидааст аз ҷамоатҳои Водник, Чашма, Д.Холматов ва Ёва пайваст шуданд ва хизматрасони шуда истодааст намояндагонро дар машварати оянда даъват карда шавад. Ин таклиф аз ҷониби аъзоёни шӯрои машварати ҷамъияти бо як овоз дастгирӣ қабул гардид.

Дар ҷамъбасти шӯрои машварати ҷамъияти Илҳом Абидов баромад намуда, ба ҳамагон барои иштирок ва машварати пурмазмун, ки барои беҳбудии истеъмолкунандагон равона гардидааст то вохӯрии навбатии машварати ҷамъиятӣ изҳори ташаккур баён намуда, ба ҳамагон муваффақияти меҳнатӣ таманно намуд.

Бо ҳамин вохӯрии Шӯрои машварти ҷамъияти дар назди КВДК «Хуҷандобуканал» ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурҳонов Р.С.

Котиби комиссия: Набиев В.